# ДАСТУРАМАЛАМАЛ

## оиди баргузор намудани маъракаҳои иттилоотӣ барои истеҳсолкунандагони сабзавоту мева доир ба масъалаҳои татбиқи стандартҳои сифати КИА СММ ба маҳсулоти кишоварзӣ



Маҷмӯи маводҳои омӯзишӣ

Осиёи Марказӣ 2021

Нашрияи мазкур бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ва Оҷонсии Австриягии Рушд омода шудааст. Hilfswerk International ва Маркази Идоракунии Сифат масъули мундариҷаи нашрия мазкур буда, назари Иттиҳоди Аврупо ва Оҷонсии Австриягии Рушдро инъикос наменамояд.

Дастурамаламали мазкур дар доираи лоиҳаи "Ҳамгироии минтақавӣ ва тақвияти иқтидор ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии Корхонаҳои хурд, миёна ва калони соҳаи агробизнес ва пешбарии тиҷорат дар Осиёи Марказӣ - CANDY V" дар Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон таҳия шудааст. Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо (дар доираи барномаи Central Asia Invest V), Оҷонсии Австриягии Рушд ва Hilfswerk International маблағгузорӣ шуда истодааст. Лоиҳа аз ҷониби Hilfswerk International дар ҳамкорӣ бо кластери кишоварзии Австриягӣ, Quality Austria, REDD France, ташкилоти ҷамъиятии машваратии "Маркази идоракунии сифат", иттиҳоди мушовирони касбии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корхонаҳои меваю сабзавоти Қирғизистон ва Иттиҳодияи саноати қанд, озуқа ва коркарди Қазоқистон амалӣ гардонида шуда истодааст.
Лоиҳаи CANDY V ба рушди корхонаҳои хурд, миёна ва калони соҳаи агробизнес дар Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон мусоидат намуда, ба ҳамгироии кишварҳо Осиёи Марказӣ ба тиҷорати ҷаҳонӣ кумак мекунад. Ин ташаббуси минтақавӣ ба Ташкилотҳои миёнарави тиҷоратӣ (ТМТ) дар Осиёи Марказӣ имконият медиҳад, ки муҳити мусоидро барои беҳтаргардонии хизматрасоние, ки барои Корхонаҳои хурд, миёна ва калон ва беҳбуди иқлими кории умумӣ дар минтақа пешбинӣ шудааст, бо назардошти манфиатҳои умумӣ ва талаботи сохторҳои хусусӣ ва давлатӣ барои боло бурадни сифати тиҷоратӣ ва ҳаҷм, бехатарии озуқа, пешбурди маҳсулот, дастрасии маҳсулоти кишоварзии минтақавӣ дар бозорҳо ва хушабандӣ (кластеризатсия) – 4 сутуни лоиҳа пешбарӣ намуда, устуворона дастгирӣ кунад.

Иттиҳоди Аврупо аз 27 кишвари узв борат аст, ки тасмим гирифтааст, ба тадриҷ дониш, захираҳо ва сарнавишти худро муттаҳид намоянд. Дар тӯли 60 сол, онҳо тавассути нигоҳ доштани тафовути фарҳангӣ, нишон додани таҳаммулпазирӣ ва кафолат додани озодии шахсият бо кӯшишҳои ҳамҷоя минтақаи дорои субот, демократия ва рушди устуворро таъсис доданд. Иттиҳоди Аврупо омода аст, комёбиҳо ва арзишҳои худро бо давлатҳо ва миллатҳои бурунмарзӣ мубодила намояд.

Оҷонсии Австриягӣ оид ба Ҳамкорӣ ҷиҳати Рушд давлатҳои Африка, Осиё, Аврупои Ҷанубу Шарқӣ ва Аврупои Шарқиро дар самти рушди устувори онҳо дастгирӣ менамояд. Стратегияҳо аз ҷониби Вазорати Федералии корҳои Аврупо ва байналмиллалӣ таҳия карда мешавад. Оҷонсии Австриягии Рушд, зерсохтори амалиётии Оҷонсии Австриягӣ оид ба Ҳамкорӣ ҷиҳати Рушд барнома ва лоиҳаҳоро ҳамроҳ бо муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамчунин корхонаҳо амалӣ менамояд.

Hilfswerk International (HWI) – яке аз созмонҳои пешрави ғайритиҷоратӣ, беҳизбӣ ва байнимазҳабии Австрия мебошад, ки дафтари марказиаш дар Вена аст. HWI лоиҳаҳоро дар самти корҳои барқарорсозӣ, кӯмаки башардӯстона ва рушди устувор дар Африка, Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубию Шарқӣ, Америкаи Лотинӣ, Шарқи Наздик, Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубию Шарқӣ, ҳамчунин Аврупои Ҷанубию Шарқӣ аз соли 1978 амалӣ менамояд. HWI бо намояндагон ва шарикони маҳаллиаш ҳамкории зич намуда, тибқи ҳадафи худ – мубориза бо камбизоатӣ ва мушкилот дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ тавассути мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои расидан ба мудирияти устувори иқтисодӣ ва рушд, ки бо дигаргуниҳои сохторӣ ва иҷтимоӣ ҳамроҳ аст, амал мекунад.

**МАРКАЗИ ИДОРАКУНИИ СИФАТ** (**МИС**) ташкилоти ҷамъиятии машваратӣ буда, як иттиҳоди касбии мутахасиссон дар самти роҳандозии низомҳои пешқадами назорати сифат мебошад, ки ба рушди усулҳои мудирият ва дар натиҷа беҳбуди сифати хизматрасонии пешниҳодӣ равона шудааст. Аз соли 2012 ташкилот баҳри рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон ва давлатҳои дигари минтақа бо роҳи тақвияти иқтидори ташкилӣ ва институтсионалии истеҳсолкунандагони ватанӣ тавассути татбиқи барномаҳои омӯзишӣ ва пешниҳоди хизматрасонии машваратӣ фаъолият мебарад.

ГКОС "Гурӯҳи кории Осиёи Марказӣ" доир ба пешбурди содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз Осиёи Марказӣ як иттиҳоди ғайрирасмии байнидавлатии ҷонибҳои манфиатдори кишварҳои минтақа (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) мебошад. Фаъолияти ГКОС ба пешбурди содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз давлатҳои Осиёи Марказӣ равона шудааст. Зери истилоҳи "пешбурд", муҳокима ва мувофиқаи маҷмӯи чорабиниҳои маркетингие дар доираи ГКОС дар назар гирифта мешавад, ки ба боло бурдани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва эътирофи он дар бозорҳо равона карда шудааст, http://ca-wg.net/ .

## Мундариҷа

**Мундариҷа** **3**

**Ихтисорот** **4**

**Мақсади Дастурамаламали мазкур** **5**

**Муқаддима** **6**

**1. Маълумоти мухтасар оиди стандартҳои тиҷоратии КИА СММ (UNECE)** **7**

1.1 Таърих 7

1.2 Моҳияти стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзии КИА СММ (талаботи умумӣ) 8

1.3 Шакли намунавии стандартҳои КИА СММ (UNECE) 10

1.4 Мундариҷаи стандартҳои КИА СММ (UNECE) 11

1.5 Воситаҳои тавзеҳи стандартҳои КИА СММ (UNECE) 16

Брошури тавзеҳотӣ 16

Плакат/постери тавзеҳӣ 17

1.6 Фарқият байни талаботҳои бехатарии озуқа ва талаботҳои сифати тиҷоратӣ 17

**2. Таҷрибаи татбиқи стандартҳо (мисолҳо)** 19

**3. Аҳамияти стандартҳои КИА СММ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ** 19

**4. Масъалаҳои техникӣ оиди ташкили ҷаласаҳои иттилоотӣ** 19

Барнома **19**

**5. Замимаҳо** 22

Барномаи ҷаласаи иттилоотӣ 22

Шакли бақайдгирӣ 24

Чек лист 25

# Ихтисорот

| | |
|---|---|
| КИА СММ | Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ |
| ГМТ | Гурӯҳи миллӣ - техникӣ |
| СҲИР | Созмонҳои Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд |
| ГКОМ | Гурӯҳи кории Осиёи Марказӣ |
| DDP | Маҳсулоти хушк ва хушккардашуда, стандартҳои КИА СММ |
| FFV | Меваю сабзавоти тару тоза, стандартҳои КИА СММ |

## Мақсади Дастурамаламали мазкур

Дастурамали мазкур бо мақсади мусоидат ба ҷонибҳои манфиатдор, ки фаъолияти онҳо бо пешбурди содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозорҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ дар ташкили ҷаласаҳо/тренингҳои иттилоотӣ барои истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони маҳсулоти кишоварзӣ оиди масъалаҳои татбиқи амалии стандартҳои КИА СММ (UNECE) марбут ба фурӯш ва сифати молии маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд аст, таҳия шудааст.

Дастурамали мазкур маълумоти умумиро оиди хусусияти стандартҳо, аҳамияти татбиқи онҳоро дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин тавсияҳои амалиро оиди ташкили ҷаласа/тренингҳои амалӣ, таъмини иштироки ҷонибҳои манфиатдор дар бар мегирад.

Дастурамал ҳамчунин тибқи маводҳо ва тавсияҳои амалии КИА СММ (UNECE) таҳия шудааст. Дар сурати тартибдиҳии ҳуҷҷат малака ва дарсҳое, ки дар раванди кори бисёрсолаи ГКОМ[1] дар самти пешбурди стандартҳои КИА СММ (UNECE) оиди фурӯш ва сифати молии маҳсулоти кишоварзӣ ба даст оварда шудааст, истифода шуд.

Дар ҳуҷҷат пайвандҳо ба захираҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ГКОМ ва КИА СММ (UNECE) оварда шудааст, ки дорои маълумоти муфассал оиди стандартҳо мебошад.

[1] http://ca-wg.net/

## Муқаддима

Баррасии мавзӯи ҳамгироии Осиёи Марказӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ бидуни ҷамъи қоида ва тартиботи ягонаи ҳамоҳангшудаи савдо, диверсификатсияи содирот ва ҷустуҷӯи бозорҳои нави фурӯши маҳсулот аз Минтақа номумкин аст.

Яке аз қадамҳои самаранок дар ин самт ин эътирофи стандартҳои байналмиллалии сифат ва бехатарӣ аст, ки шабакаҳои ҷаҳонии эътирофшудаи савдои кишварҳои пешрафтаи Аврупо, Осиё ва ИМА талаб мекунанд.

Гурӯҳи ташкилотҳо бо шумули сохторҳои давлатии масъули кишварҳои Минтақа аҳамияти диверсификатсияи содирот ва ҷустуҷӯи бозорҳои навро барои Минтақа дарк намуда, фаъолияти худро ба таҳияи нақшаҳо оиди эътирофи стандартҳои байналмиллалӣ, аз ҷумла стандартҳои тиҷоратии сифати маҳсулоти кишоварзӣ ва майли истеҳсолоти маҳаллӣ барои риояи онҳо, равона намуданд.

Гурӯҳи Кории Осиёи Марказӣ (минбаъд ГКОМ) ки иттиҳоди ғайрирасмии байнидавлатии ҷонибҳои манфиатдори кишварҳои Минтақа (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон) барои иҷрои ташаббусҳои пешбурди содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба боло бурдани эътирофи он дар бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад, ба як платформаи ҳамкориҳои минтақавӣ оид ба масъалаҳои роҳандозии стандартҳо табдил ёфт. Маълумоти нисбатан муфассалро оиди фаъолияти ГКОМ ва ГМТ дар пайванди зерин дарёфт кардан мумкин аст: www.ca-wg-net.

Дар доираи фаъолияти ГКОМ пешниҳод шуд, ки барои истеҳсолкунандагони сабзавоту меваҷоти тару тоза ва хушк доир ба масъалаҳои татбиқи стандартҳои тиҷоратии КИА СММ барои маҳсулоти хушк (DDP) ва тару тоза (FFV), методологияи баргузории ҷаласаҳои иттилоотӣ дар сатҳи минтақавӣ мувофиқа ва таҳия шавад.

# 1. Маълумоти мухтасар оиди стандартҳои тиҷоратии КИА СММ (UNECE)

Барои фаҳмидани хусусиятҳои гузаронидани ҷаласаҳои иттилоотӣ барои истеҳсолкунандагони меваю сабзавоти тару тоза ва хушк доир ба масъалаҳои татбиқи стандартҳои тиҷоратии КИА СММ барои маҳсулоти хушк (DDP) ва тару тоза (FFV) бояд заминаҳои қабули стандартҳои мазкур ва якчанд хусусиятҳои татбиқи онҳоро мухтасар баррасӣ шавад.

## 1.1 Таърих

Истеъмолкунандагон ва анҷуманҳои тиҷорат дар шароити таъсис ва рушди занҷираҳои таъминоти ҷаҳонии маҳсулоти озуқа борҳо оиди кафолати хариди маҳсулоти хушсифат аз истеҳсолкунандагон ва кишварҳои гуногун масъалагузорӣ кардаанд. Мушкили дигар ин буд, ки истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагон дар бораи талаботҳои бозорҳо ва қонунҳои кишварҳои гуногун дар мавриди қоидаҳои гурӯҳбандӣ, бастабандӣ ва тамғазании маҳсулот огоҳӣ надоштанд.

Яке аз нуктаҳои муҳим дар савдо ин мушкили интиқоли босуръати маҳсулоти зудвайроншаванда тавассути сарҳадҳо буд, зеро дар доираи сарҳадҳои ҳар кишвар стандартҳои миллии савдои маҳсулоти кишоварзӣ амал мекард ва онҳо аксар вақт садди роҳи савдои байналмиллалии рушдёбанда дар Аврупо мешуданд.

КИА СММ (UNECE) 4 майи соли 1949 Кумита оиди масъалаҳои кишоварзӣ таъсис дод. Ҷиҳати баланд бардоштани шаффофияти бозор ва таҳияи забони ягонаи савдо Кумитаи мазкур дар ҷаласаи якуми худ (Женева, 3-6 октябри соли 1949) мавзӯи **муқаррар намудани талаботи минималӣ ва ягона барои тайъини сифати маҳсулоти кишоварзиро баррасӣ** намуд, ки ба рушди савдои боадолат ва устувор мусоидат намуда аз монеаҳои сунъӣ барои савдо пешгирӣ кунад. Дар натиҷаи муҳокимаҳо Гурӯҳи корӣ оиди таҳияи стандартҳои сифат ба маҳсулоти хӯроки зудвайроншаванда таъсис дода шуд.

Фаъолияти ин Гурӯҳи корӣ аз таҳияи стандартҳои умумии сифати маҳсулоти хӯроки зудвайроншаванда ва омӯзиши тадбирҳое иборат аст, ки дар сатҳи байналмиллалӣ барои ҷорӣ шудани стандартҳо ва низоми назорат ба таври густарда қабул шаванд.

Соли 1958 Гурӯҳи корӣ Протоколи Женева оид ба таҳияи стандартҳо барои сабзавоту меваи тару тоза ва хушк қабул кард, ки барои таҳияи шаклҳои намунавии стандартҳо ҳамчун асос хизмат мекард. Фаъолият оиди таҳияи стандартҳо барои гӯшт, тухм, картошкаи тухмӣ, картошкаи барвақт ва омода, лӯбиёгӣ ва гулҳои шохабурида низ тибқи ҳамин усул анҷом дода шуд.

Соли 2003 номгӯи Гурӯҳи корӣ ба "Гурӯҳи корӣ доир ба стандартҳои кишоварзии сифат" тағъир дода шуд. То ҳол, зиёда аз 100 стандарти сифати тиҷоратии мувофиқашуда дар сатҳи байналмиллалӣ барои маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ таҳия гардидааст: барои сабзавоту меваи хушк ва тару тоза, картошка (барвақт, омода ва тухмӣ), тухм ва маҳсулоти тухмӣ, гӯшт ва гулҳои шохабурида.

Маълумотро оиди стандартҳо аз рӯи пайванди зерин дарёфт кардан мумкин аст: https://unece.org/trade/working-party-agricultural-quality-standards-wp7

## 1.2 Моҳияти стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзии КИА СММ (талаботи умумӣ)

Бо баробари муаррифии омилҳои таърихӣ ба иштирокчиёни тренинг, пешниҳоди маълумот оиди хусусиятҳои хоси стандартҳои КИА СММ (UNECE) мақсаднок аст.

Қабл аз ҳама, онҳо бояд дарк намоянд, ки таъмини сифати тиҷоратӣ дар баробари бехатарии маҳсулоти озуқа, пайгирӣ, меъёрҳои фитосанитарӣ ва талаботи дигар, аз қисмҳои асосии бозори озуқа ба ҳисоб меравад. Ҷорикунии стандартҳои сифати тиҷоратӣ ҷиҳати ба даст овардани дастрасӣ ба бозорҳои содиротӣ барои кишварҳое, ки маҳсулоти кишоварзиро содир мекунанд, омили муҳим аст.

Дар сурати содироти маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсолкунандагон ва содиркунандагон бояд донанд, ки стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзии КИА СММ (UNECE) дар ИМА, Канада, дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Россия татбиқ шуда қаламравҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқозро низ фаро мегиранд. Аксари стандартҳои ҳатмии бозорӣ дар Иттиҳоди Аврупо бо стандартҳои КИА СММ мувофиқа шудаанд.

Тамоюлоти солҳои охир шаҳодат медиҳад, ки шабакаҳои савдо ва хариди Россия ва Қазоқистон бештар ба стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзии КИА СММ нигаронида шудаанд ва ҳангоми қабули махсулот назорати сифатро дар асоси онҳо анҷом медиҳанд.

Паҳншавии стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзии КИА СММ-ро дар қолаби тасвирӣ, ки дар расми 1 инъикос шудааст, муаррифӣ кардан мумкин аст.

**Расми 1. Паҳншавии стандартҳои КИА СММ (UNECE)**



*Сарчашма: Секретариати КИА СММ*

Стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзии КИА СММ (UNECE) байни худ стандартҳои миллӣ ва таҷрибаи тиҷоратиро мувофиқа мекунанд. Стандартҳо аз рӯи хусусияти худ ихтиёрӣ мебошад, аммо тавре, ки аллакай дар сархати қаблӣ зикр гардид, аз ҷониби шабакаҳои савдою харид бо тартиби ҳатмӣ ҳамчун воситаи кафолати маҳсулоти баландсифат татбиқ карда мешавад.

Тибқи таҷрибаи беҳтарини танзими меъёрӣ, ки аз ҷониби КИА СММ (UNECE) тавсия дода мешавад, ворид намудани стандартҳо ба қонунгузории миллӣ ҳамчун меъёрӣ ҳатмӣ дар амал татбиқ мешавад. Онҳоро инчунин ба оинномаҳо ва низомномаҳои ташкилоти содиротӣ ё ассотсиатсияҳои истеҳсолкунандагон дохил мекунанд.

**Тартиботи таҳияи стандартҳо**: Стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзии КИА СММ (UNECE) аз ҷониби Гурӯҳи кории КИА СММ оид ба стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзӣ таҳия мешавад.

Гурӯҳи корӣ:

- Стандартҳои сифатро таҳия менамоядва талаботҳои минималиро муқаррар мекунад;
- Ба ҷорикунии стандартҳо тавассути маводҳои фаҳмондадиҳӣ (брошурҳо) мусоидат мекунад;
- Дастгирии техникӣ мерасонад (семинар, курсҳои омӯзишӣ ва ғ-ро мунтазам баргузор менамояд);
- Тартиботи ягонаи назорати сифатро муқаррар менамояд.

Кори техникӣ оид ба таҳияи стандартҳои КИА СММ аз ҷониби чор гурӯҳҳои экспертӣ дар самтҳои зерин анҷом дода мешавад:

- Сабзавоту меваи тару тоза;
- Маҳсулоти хушк ва хушккардашуда;
- гӯшт;
- картошкаи тухмӣ.

Гурӯҳҳои экспертӣ дар тобеияти Гурӯҳи корӣ мебошад. Шиносоии иштирокчиёни тренинг, аз ҷумла мақомотҳои ваколатдор бо тартиботи таҳияи стандартҳо муфид аст.

**Расми 2. Тартиботи таҳияи стандартҳо** [2]




**Иштироки кишварҳо дар таҳия ва қабули стандартҳо:** Ҳар як кишвар метавонад барои омода намудани стандарти нав ё таҷдиди стандарти мавҷуда ташаббус нишон диҳад (брошур, роҳнамо). Пешниҳоде, ки ба бахши дахлдори махсус равона карда мешавад, бояд асосноккунии сабабҳоеро дар бар гирад, ки боиси зарурати таҳияи стандарти нав ё тағъири матни стандарт мегардад.

[2] https://unece.org/DAM/trade/agr/AboutUs/WorkingProcedures_2018_r.pdf

Ба кишварҳо тавсия дода мешавад, ки дар кори Гурӯҳи кории КИА СММ фаъолона ширкат намоянд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки ба мундариҷаи стандартҳо таъсир расонида, таҷрибаи тиҷоратии дар минтақаҳои онҳо мавҷударо инъикос намояд. Мулоқотҳо дар доираи Гурӯҳи корӣ ба барқарор намудани робитаҳо кӯмак намуда, ба мубодилаи ақида ва иттилоот доир ба муаммо ва масъалаҳои аниқ мусоидат мекунад.

Таҳияи стандартҳо дар доираи фаъолияти Гурӯҳи корӣ розигии тарафайни сохтори хусусӣ ва давлатиро дар назар дорад.

Мақсади КИА СММ (UNECE) ҷалб намудани тамоми ҷонибҳои манфиатдор, яъне кишварҳои узви СММ, ташкилотҳои байнидавлатӣ, ташкилотҳои байналмиллалӣ ва минтақавии савдо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба кори мазкур мебошад.

Кори Гурӯҳи Кории Осиёи Марказӣ (ГКОМ) далели иштироки фаъоли гурӯҳи кишварҳои дорои манфиатҳои умумӣ дар кори Гурӯҳи кории КИА СММ (UNECE) мебошад.

Дар доираи фаъолияти худ ГКОМ ба Гурӯҳи кории КИА СММ (UNECE) санадҳои зеринро таҳия ва пешниҳод кардааст:

- тағъирот ва илова ба стандарти КИА СММ DDP 15, ки ба фурӯш ва назорати сифати молии зардолуи хушк тааллуқ дорад;
- лоиҳаи стандарти нави КИА СММ DDP 30 ба харбузаи хушк;
- лоиҳаи стандарти нав ба мағзи ширини донаки зардолу;
- лоиҳаи стандарти нав ба хурмои хушк;
- лоиҳаи стандарти нав ба чормағз дар пӯст ва мағзи чормағз;
- тағъирот ва илова ба стандарти КИА СММ DDP 07, ки ба фурӯш ва назорати сифати молии олуи хушк ва ғ. тааллуқ дорад.

Ҳамчунин пешнависи плакатҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба нуқсонҳои як қатор стандартҳо, аз ҷумла пиёз, хурмо, лимон, олу, зардолуи хушк ва ғ. таҳия шудаанд.








## 1.3 Шакли намунавии стандартҳои КИА СММ (UNECE)

Бо мақсади муносиб кардани раванди таҳияи стандартҳо аз ҷониби КИА СММ (UNECE), соли 1954 сохтори соддакардашудаи стандартҳо таҳия шуд, ки дар шаклҳои намунавии стандартҳои

КИА СММ (UNECE) барои маҳсулоти хушк ва хушккардашуда ва сабзавоту меваи тару тоза пешниҳод шудааст.

Шакли намунавӣ – бахшҳои асосиро оиди шарҳи стандартҳо муайян мекунад. Бо сабаби гуногунии хусусиятҳои маҳсулот, на ҳамеша ҳамаи бахшҳои шакли намунавии стандартҳо татбиқ мешаванд. Ҳамчунин шакли намунавӣ тартиботи истифодашуда ҳангоми шарҳи бахшҳои стандартро муайян мекунад, ки ба фурӯш ва назорати сифати молӣ таалluқ дорад. Барои баъзе гурӯҳи маҳсулот истифодаи шарҳҳои дигар иҷозат дода мешавад.

- Шакли намунавиро барои маҳсулоти хушк ва хушккардашуда дар пайванди зерин дарёфт кунед:
  https://unece.org/sites/default/files/2020-12/DDP_StanLayout_2020_r_0.pdf
- Шакли намунавӣ барои сабзавоту меваи тару тозаро дар пайванди зерин дарёфт кунед:
  https://unece.org/fileadmin/DAM/trade/agr/standard/fresh/StandardLayout/SL_FFV_2017_r.pdf

Нишондиҳандаҳои сифати дохилии маҳсулот (масалан, таъм ва пухтагӣ) дар савдои байналмиллалӣ барои аксарияти намудҳои маҳсулот аҳамияти бештар пайдо мекунад, бинобар ин КИА СММ (UNECE) мафҳуми чунин нишондиҳандаҳоро таҳия менамояд, ва аҳамияти онҳоро муқаррар мекунад.

## 1.4 Мундариҷаи стандартҳои КИА СММ (UNECE)

Стандартҳои сифати маҳсулоти кишоварзии КИА СММ (UNECE)-ро омлҳои зерин муайян мекунанд:

- Талаботи минималӣ ба сифат,
- Талаботи пухтагии маҳсулот,
- Дараҷаҳои сифати тиҷоратӣ (дараҷаҳои экстра, якум ва дуюм),
- Ҳадди мумкини нуқсонҳо,
- Талабот ба шакли пешниҳод, бастубанд, тамғагузорӣ ва тамғазанӣ.

Пас аз муаррифии умумии шакли намунавии стандарт ба муаррифии мундариҷаи стандартҳо бо нишон додани вазъи маҳсулот ва мавҷудияти нуқсонҳо (тавассути флипчартҳои фаҳмондадиҳӣ, плакатҳо ва расмҳо), гузаштан мумкин аст.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як намуди нуқсон ҳадди мушаххаси тағъироти сифати маҳсулотро дорад. Инчунин ба иштирокчиён хусусияти пайдоиши нуқсонро бояд нақл кард. Дар рушти маводи тасвирӣ (флипчартҳо) бояд барои мураббӣ (тренер) тамоми матни фаҳмондадиҳӣ ва тафсири нуқсонҳо дарҷ шавад.

Иштирокчиёни тренинг, қабл аз ҳама, бояд бо **муқаррароте, ки ба сифат алоқаманд** аст, шинос шаванд:

**A. Талаботи минималӣ**

| № | Маҳсулоти тару тоза | Маҳсулоти хушк ва хушккардашуда |
|---|---|---|
| **a.** | **Осебдида (вайрон) нест** | |
| | Маҳсулот набояд осеб ё захме дошта бошад, ки яклухтии онро вайрон мекунад. | Маҳсулот набояд осеб дошта бошад, аммо вобаста ба хусусияти маҳсулот ва намуди молии пешбинишудаи он, мавҷудияти захмҳои хурд дар сатҳи маҳсулот нуқсон ҳисоб намешаванд. |

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| **b.** | **Маҳсулоти хушсифат** | |
| | Маҳсулот бояд хушсифат бошад, яъне маҳсулот набояд дорои касал, мағор, бактерияҳо ё вирусҳое бошад, ки боиси пӯсиш ва дигаргунии шакли маҳсулот гашта ба намуди зоҳирии маҳсулот таъсир мерасонад | Маҳсулоте, ки мағор карда ё пӯсида онро барои истеъмоли инсон номумкин мекунад роҳ дода намешавад.<br><br>Маҳсулот бояд холӣ аз наххои мағори ба чашм аён, бе ферментатсия ва тобоваранда бошад. |
| | | Маҳсулот бояд бе нуқсонҳои сатҳӣ ва доғҳое бошад ки ранги маҳсулотро ба таври возеҳ аз сатҳи бақияи маҳсулот бо таносуби фоиз фарқ мекунад.<br><br>Маҳсулот бояд ба таври кифоя инкишофёфта бошад. Мавҷудияти мағзҳои хушкшуда ё чиндор, ки бениҳоят пачақ ва бурма аст, ё мағз бо қисмҳое, ки ба дегитратсия, хушкшавӣ ё қоқшавӣ гирифтор шуда аз бақияи маҳсулот ба таносуби фоиз фарқ мекунад, инчунин чормағзи дохилаш ковок роҳ дода намешавад.<br><br>Маҳсулот бояд ба таври кофӣ ташаккул ёфта бошад, мағзи дутогӣ, яъне мағзи шаклаш хос яктарафа ё фурӯхамида аз сабаби ташаккули ду мағз дар як пӯстаи чормағз, нуқсон ҳисобида намешавад. |
| **c.** | **Маҳсулоти тоза** | |
| | Амалан, бе моддаҳои бегонаи ноаён (ҳадди қобили қабули нишонаҳои чанг).<br><br>Олудашавӣ ё ҷамъшавии моддаҳои ғайриорганикӣ иҷозат дода намешавад.<br><br>Ҳамагуна қабатҳои кабуд, сабз ё дигар ранги ғайриоддӣ, ки нишонаи мавҷудияти пеститсидҳои боқимонда мебошад, иҷозат дода намешавад. | амалан, бидуни модаҳои бегонаи ба чашм аён, аз ҷумла бе боқимондаи пустаи хушкшудаи перикарп,<br><br>Истифодаи орд, шакар, намак ва дигар моддаҳои иҷозатдодашуда бо назардошти хусусияти маҳсулот иҷоза дода мешавад}<br><br>Нисбати нишонаҳои хок дар маҳсулоти хушккардашуда – як миқдори вобаста ба хусусияти маҳсулот роҳ дода мешавад |
| **d.** | **Бидуни ҳашаротҳои зараррасон** | |
| | амалан ***бидуни ҳашаротҳои зараррасон*** – як ҳашара – ҳадди иҷозатшуда барои тамоми навъҳо. | Бидуни ҳашароти зараррасони зинда, новобаста аз марҳилаи инкишофи онҳо барои тамоми маҳсулот. |
| **e.** | **Бидуни осеб тавассути ҳашароти зараррасон** | |

| | | |
|---|---|---|
| | Бидуни осеб тавассути ҳашароти зараррасон | Бидуни осеб тавассути ҳашарот, аз ҷумла бовуҷуди ҳашароти мурда ва / ё кана, пасмонда ва ё дафъи онҳо барои маҳсулоти хушккардашуда, аз ҷумла мағзи чормағз |
| **f.** | **Намӣ** | |
| | Бидуни намии аз ҳад зиёди сатҳӣ – масалан, оби ҷамъшуда ҳангоми бастубанд | Бидуни намии аз ҳад зиёди сатҳӣ |
| **g.** | **Бидуни бӯй ва ё таъми бегона** | |
| | Бидуни ҳамагуна бӯй ё таъми бегона (масалан, дар сурати дар як ҷой гузоштани онҳо бо дигар маҳсулоти бӯяш баланд) | Бидуни ҳамагуна бӯй ё таъми бегона, ба истиснои хлориди натрий, ва бӯи сабуки консервантҳо / иловаҳо барои маҳсулоти хушккардашуда |

Дараҷаи инкишоф ва ҳолати маҳсулот бояд чунон бошад, ки маҳсулот ба ҳамлу нақл, боркунӣ ва борфарорӣ тобовар бошад ва ба макони таъинот дар ҳолати қаноатбахш дастрас карда шавад.

**B. Талабот ба маҳсулоти тару тозаи пухтагӣ**

Маҳсулот бояд ба қадри кофӣ инкишофёфта ва пухта бошад. Дараҷаи инкишоф ва пухтагии он идомадор бошад ва пухта расидани он ба дараҷаи лозим бо назардошти хусусиятҳои гуногуннамудии он, ноил шавад. Ҳангоми ғунучин шуданаш ҳам, инкишофёбии маҳсулот давом ёбад, ба қадре инкишофёфта бошад, ки протсеси пухтарасидани он ба дурустӣ тавонад анҷом ёбад ва таъми муътадил ва бӯйи лозимро дошта бошад. Мақсади муқаррар намудани сабзиши минималии маҳсулот ин ғунучини мева дар он дарҷаи сабзиш мебошад, ки ба ҳангоми расидан ба шабакаи тақсимотӣ, дар ҳолати хуб бошад ва сабзишро то расидан ба ҳолати хуби истеъмол идома медиҳанд.

**B[1.] Таркиби намӣ барои маҳсулоти хушк ва хушккардашуда**

Меъёри намӣ барои ҳар маҳсулот ҷудогона муайян карда мешавад.

**C. Дараҷаҳои тиҷоратии сифат**




Таснифоти маҳсулот вобаста ба намуд ва хусусияти маҳсулот ба ду ё се навъ ҷудо мешавад:

- ***Навъи Олӣ |Экстра***– ин маҳсулоти сифаташ баланд мебошад, ки нуқсон надорад, ба истиснои нуқсонҳои хеле сатҳӣ, бо шарте, ки ба намуди умумӣ, сифат, нигоҳдорӣ ва намуди молии маҳсулот дар бастубанд таъсир намерасонанд.

- ***Навъи якум*** – ин маҳсулоти сифати хуб аст. Дорои нуқсонҳои хурд дар шакл, ранг, пӯст иҷоза дода мешавад, ки ба намуди умумии зоҳирӣ, сифат, нигоҳдории он ва намуди молии маҳсулот дар бастубанд таъсир намерасонанд.

- ***Навъи дуюм*** – маҳсулотест, ки ба навъҳои боло дохил шуда наметавонад.

Дар нисбати стандартҳое, ки барояшон муқаррар намудани таснифот лозим нест, танҳо талаботи минималӣ татбиқ мешавад.

***

Пас аз муаррифии муқаррароти сифат, бояд мавзӯъи **муқаррароти калибровка** (андоза) муаррифӣ шавад.

Андоза ҳатмӣ мебошад. Калибр (андоза) тавассути меъёрҳои зерин муайян карда мешавад:

- як арзиши ҳадди ниҳоӣ, масалан диаметри минималӣ (мм, дюйм)
- миқдор, чанд воҳид/дона ба воҳиди вазн
- доираи арзишҳо, яъне аз рӯи диаметри минималӣ ва максималӣ (мм, дюйм), калибр (андоза) аз рӯи диаметри максималии буриши кӯндаланг муайян карда мешавад




**Муқаррарот оиди ҳадди муҷози тағйири маҳсулот (допуск)**

***А) ҳадди муҷози тағйири маҳсулот (допуск) барои сифат***

I) Навъи олӣ: стандарти КИА СММ нишондиҳандаҳои ҳадди муҷози (иҷозашавандаи) тағйирот дар маҳсулотро барои фурӯш/истеъмол муқаррар менамояд. Умуман, 5% аз миқдор ё вазни {номгӯи маҳсулот} муҷоз аст, ки ба талаботи навъи мазкур мувофиқ набошад, аммо ба талаботи навъи якум мувофиқат мекунад. Доираи ҳадди мумкини тағъироти мазкур на зиёда аз 0,5%-и миқдори умумии маҳсулотро ташкил медиҳад, ки ба талаботи сифати навъи дуюм ҷавобгӯ мебошад.

II) Навъи якум: дар маҷмуъ мавҷудияти 10% аз миқдор ё вазни {номгӯи маҳсулот} ҷоиз аст, ки ба талаботи навъи мазкур ҷавобгӯ набошад, аммо ба талаботи ҷойи дуюм ҷавоб медиҳад. Дар доираи ҳадди мумкини тағъироти мазкур на зиёда аз 1%- аз миқдори умумии маҳсулот ба талаботи сифати навъи дуюм ва ба талаботи минималӣ  ҷавобгӯ набуда, ё маҳсулотест, ки ба тахриб (деградатсия) дучор аст.

III) Навъи дуюм: дар маҷмуъ, мавҷудияти 10% аз миқдор ё вазни {номгӯи маҳсулот} ҷоиз аст, ки ба талаботи навъи мазкур ва талаботи минималӣ ҷавобгӯ набошад. Дар доираи ҳадди тағъироти мазкур на зиёда аз 2%-и миқдори умумӣ маҳсулоте мебошад, ки ба тахриб дучор шудааст.

***В) ҳадди муҷози (допуск) тағйири андоза***

Барои тамоми навъҳо, дар маҷмуъ вуҷуди 10% аз миқдор ё вазни {номгӯи маҳсулот} ҷоиз аст, ки ба талаботи андозагирӣ (калибровка) ҷавобгӯ нест, аммо барои стандартҳои алоҳида муқарраротҳои дигари вобаста ба навъҳои алоҳидаи маҳсулот пешбинӣ шуда метавонад.

## Муқаррароте, ки ба бастубанд ва тамғазанӣ таалluқ дорад

Моҳияти стандартро муайян намуда, иштирокчиёни тренингро бояд бо талаботи стандартҳои КИА СММ ба бастубанд ва тамғазании маҳсулот шиносоӣ намуд. Алалхусус:

- Маҳсулот бояд чунин бастубанд шавад, ки бехатарии дахлдори маҳсулот таъмин карда шавад.
- Маводҳое, ки дар дохили бастубанд истифода мешавад бояд тоза ва чунин сифат дошта бошанд, ки боиси вайроншавии беруна ё дохилии маҳсулот нагарданд.
- Истифодаи маводҳо, алалхусус қоғаз ё тамға бо мушаххасоти молӣ, танҳо бо шарти истифодаи сиёҳии безаҳр ё ширеш барои чопи матн ё часпонидани тамғакоғазҳо истифода мешаванд
- Тамғақоғазҳое, ки ба маҳсулот алоҳида часпонида мешаванд, набояд ҳангоми тоза кардан нишонаҳое аз худ гузоранд
- Тамғазании меваҳои алоҳида бо лазер набояд ба пайдоиши нуқсони пӯст ё мағзи мева оварда расонад.








*Маълумоти тамғазанӣ аз рӯи стандарт*:

Ҳар як бастубанд бояд маълумоти зеринро бо шрифти возеҳ ва тозанашаванда дар бар гирад:

- Аломатҳои шиносоӣ (бастубандкунанда ва/ё ҳамлу нақлкунанда/содиркунанда; номгӯй ва суроғаи воқеӣ ё аломатӣ рамзӣ, ки аз ҷониби мақомоти миллии ваколатдор расман эътироф шудааст)
- Хусусияти маҳсулот (номгӯи маҳсулот, агар таркиби он аз берун ноаён бошад; номгӯи намудҳои но)
- Маҳалли маҳсулот (кишвари аслӣ, минтақае, ки дар он ҷо парвариш гардид ё номгӯи маҳаллии он)
- Хусусиятҳои тиҷоратӣ (навъ, андоза, соли бардоштани ҳосил, мӯҳлати нигоҳдорӣ)
- Аломати расмии назорат

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки тамғазанӣ аз рӯи талаботи стандарт бо талаботи Регламентҳои Техникии кишвари истеҳсолкунанда, инчунин талаботи иловагӣ оиди тамғазании кишвари воридкунанда/содиркунанда илова карда мешавад.

## 1.5 Воситаҳои тавзеҳи стандартҳои КИА СММ (UNECE)

**Брошури тавзеҳотӣ**

Таҷрибаи татбиқи Стандартҳои КИА СММ (UNECE) таҳияи брошурҳои тавзеҳот дар бораи стандартҳоро пешбинӣ менамояд, ки тафсир ва татбиқи ягонаро таъмин менамояд.








Брошури тавзеҳотӣ дар бораи стандартщои маҳсулоти муайян на танҳо барои таъмин намудани тафсири якхела, балки барои таснифоти маҳсулот ва паст намудани эҳтимоли радкунӣ ва ҳалли баҳсҳо кӯмак мерасонад. Брошур барои истеҳсолкунандагон ва корхонаҳои савдо, инчунин хадамоти расмӣ, ки сифати маҳсулотро дар кишварҳои истеъмолкунанда назорат мекунанд, пешбинӣ шудааст.

Ба кишварҳо тавсия мешавад, ки аз стандартҳои мавҷуда ва дар сатҳи байналмиллалӣ пазируфташуда ва маводҳои тавзеҳии вобаста ба онҳоро барои татбиқи стандартҳои байналмиллалӣ ба меваю сабзавот, ки аз ҷониби КИА СММ (UNECE) ва СҲИР, инчунин Комиссияи Кодекси Алиментариус таҳия шудааст, истифода кунанд.

Маводҳои тавзеҳӣ доир ба стандартҳои КИА СММ-ро дар истиноди зерин дарёфт кардан мумкин аст: https://unece.org/trade/wp7/brochures-and-publications.

Маводҳои тавзеҳӣ, ки аз ҷониби ГМТ бо фармоиши ГКОМ таҳия шудааст, дар пайванди зерин дарёфт кардан мумкин аст: http://ca-wg.net/publications/

### Плакат/постери тавзеҳӣ




Накшаи татбиқи стандартҳои байналмиллалӣ бо баробари брошурҳои тавзеҳӣ, ки тафсири талаботҳои стандартро содда мегардонад, нашри Плакатҳоро пешбинӣ менамояд.

Бо сабаби маҳдудияти захираҳо барои чопи брошурҳои тавзеҳӣ, ҳоло аксарияти бахшҳои махсуси Гурӯҳи кории вобаста ба стандартҳои кишоварзӣ бино ба арзиши нисбатан камтари таҳияи постерҳои (Плакат) стандартҳо тарҷеҳ медиҳанд палакатҳои стандартҳоро таҳия намоянд.

Онҳо тариқи онлайн ҷойгир карда мешаванд, ки истифодаи онҳоро аз ҷониби деҳқонон ва истеҳсолкунандагон осон мегардонанд.

Плакат дорои маълумоти асосии тасвирӣ ва маводи таълимие мебошад, ки барои истеҳсолкунандагон ва деҳқонон дар саҳро зарур аст.

## 1.6 Фарқият байни талаботҳои бехатарии озуқа ва талаботҳои сифати тиҷоратӣ




Дар ҷаҳони муосир сифат ва бехатарии маҳсулот ду мафҳуми муҳимтарин мебошад, ки бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Бо баробари ин, стандартҳо аз рӯи нақш ва усули баҳодиҳӣ фарқ мекунанд.

Ҷиҳати ташаккул додани фаҳмиши нақш ва ҷои стандартҳо дар байни иштирокчиёни ҷаласаҳои иттилоотӣ, ҳангоми муҳокима ба таври муфассал баррасӣ кардани ин ду мафҳум муҳим аст. Сифати маҳсулоти озуқа – маҷмӯи хусусиятҳои маҳсулоти озуқа аст, ки эҳтиёҷоти инсонро ба хӯрока дар шароити мӯътадили истифодаи онҳо қонеъ карда метавонад. Бехатарии маҳсулоти озуқа бошад – ҳолати эътимоди асосноккардашуда ба он, ки маҳсулоти озуқа дар шароити мӯътадили истифодаи онҳо барои саломатии инсон зараровар ва хавфнок нест. Бехатарии маҳсулоти озуқа бо риояи нигоҳдории сатҳи муқарраршудаи ифлоскунандаҳои кимёвӣ ва биологӣ, инчунин моддаҳои табиии заҳрнок, ки барои маҳсулоти муайян хос аст ва барои саломатии инсон хатарнок мебошад, кафолат дода мешавад. Бехатарии маҳсулоти озуқаро бехатарии ашёи хом, технологияи истеҳсол, бастубанд, ҳамлу нақл ва дигар омилҳо ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаҳои сифат – ифодаи миқдорӣ ва сифатии хосиятҳои маҳсулот. Нишондиҳандаҳои сифатӣ андозаҳои физикӣ (дарозӣ, масса, зичӣ) ва ғайрифизикӣ (ранг, шакл, бутунӣ, иуршӣ) мебошад. Нишондиҳандаҳои мазкур имконият медиҳад, ки ба гурӯҳбандии маҳсулот аз рӯи аломатҳои берунӣ ва органолептикӣ кӯмак расонад, ки дар натиҷа забони савдоро содда мегардонад. Назорати сифат аз назорати нуқсонҳои берунии маҳсулот, мутобиқат ба намунаи тасдиқшуда аз рӯи ранг, расм, шакл ва ғ. иборат аст.

Бо аёниятҳо, ки аломатҳои хоси талаботи сифат ва бехатарии маҳсулотро дар бар мегирад, дар пайванди зерин дарёфт кардан имконпазир аст:

http://ca-wg.net/wp-content/uploads/2021/01/difference-flyer.pdf

## 2. Таҷрибаи татбиқи стандартҳо (мисолҳо)

Маълум мешавад, ки сифат ва миқдори тадбирҳои андешидашуда барои пешбурди Стандарт барои густариши рақобатпазирии “зардолуи фарғонагӣ” ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори ҷаҳонӣ кифоя нест.

Натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳи кории Минтақавӣ оид ба пешбурди Стандарти КИА СММ DDP 15 (зардолуи хушккардашуда) зарурати рушди тадбирҳои системавиро дар робита ба татбиқи амалии стандартҳо нишон доданд. Тибқи қарори ҷаласаи гурӯҳи кории Минтақавӣ барои татбиқи стандартҳои сифати молӣ пешниҳод шуд, ки на танҳо зерсохтҳои ҳуқуқӣ, балки фаннӣ низ баррасӣ шавад.

Ассотсиатсияи истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон (http://www.foodexport.tj/), инчунин истеҳсолкунандагон аз Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон барои эҷоди зарфият барои татбиқи амалии равиши гурӯҳбандӣ ва ба навъҳо ҷудо намудани маҳсулот аз рӯи дараҷа, навъ ва дигар параметрҳо тибқи Стандарти КИА СММ (UNECE) ҳавасмандии худро изҳор намуданд.

Дар як қатор кишварҳо таъсис ва дастгирии нозироти мустақили сифат сурат мегирад, ки самаранок фаъолият мебаранд ва дар марҳилаи истеҳсол ва содироти маҳсулот ё расидани он ба шабакаҳои тақсимот хидмат мерасонанд, ва ба ин васила аз тарафи шабакаҳои тиҷоратӣ тибқи талаботи Стандарти КИА СММ (UNECE) ба истеҳсолкунандагон дар тасниф кардани маҳсулот кӯмак мерасонанд ва хатари рад шудани маҳсулотро коҳиш медиҳанд.

Шаклҳои амалкарди созмонии “нозироти сифат” гуногунанд, дар корхонаҳо ё ин ки иттиҳодияҳои соҳавӣ тавассути дастгирии ду ё зиёда мутахасисон таъсис дода мешаванд.

## 3. Аҳамияти стандартҳои КИА СММ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ

Минтақаи Осиёи Марказӣ зарфияти калони истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дорад. Зарурати пешбурди стандартҳои тиҷоратии КИА СММ (UNECE) бо афзоиши бартариҳои рақобатии маҳсулот аз минтақа, вусъатдиҳии бозорҳои фурӯши мавҷуда ва ҷустуҷӯи бозорҳои фурӯши нав пешбинӣ шудааст, ки аксар вақт ба талаботи стандартҳои тиҷоратии КИА СММ (UNECE) нигаронида шудааст.

Натиҷаҳои таҳлили бозори минтақа нишон медиҳад, ки бо сабаби вуҷуд надоштани мутобиқат ба талаботи намуди молӣ ва сифат, аксар вақт маҳсулот аз минтақа аз ҷониби бозорҳои калон ва шабакаҳои тиҷоратӣ эътироф намешавад. Ҳолатҳои аз даст додани даромад аз ҷониби истеҳсолкунандагон ҳангоми содирот мушоҳида мешавад, ки саривақт мутобиқатии мазкурро ҳангоми истеҳсолот (бастубанд, тамғазанӣ ва ғ.) таъмин накарданд.

## 4. Масъалаҳои техникӣ оиди ташкили ҷаласаҳои иттилоотӣ

### Барнома

Бо назардошти хусусияти фаъолияти истеҳсолкуннадагон ва содиркунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои категорияи мазкури шахсон тавсия дода мешавад, ки ҷаласаҳои иттилоотии 3-соата доир ба стандартҳои сифат ва намуди молии КИА СММ пешниҳод карда шавад. Миқдори иштирокчиёни аз 12 то 18-ро нафар тафсия мешавад.

Мақсадҳои асосии маъракаҳои иттилоотӣ бояд ба таври мазкур ташаккул ёбанд:

- Ташаккули фаҳмиши истеҳсолкунандагон дар бораи низоми мавҷудаи сифати молӣ ва аҳамияти он ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо

- Ташаккули салоҳиятҳои асосии касбӣ барои кор бо стандартҳо
- Дарки мақсадҳо, таркиби кор оиди татбиқи стандартҳо дар истеҳсолот ва нақши онҳо дар низоми таъмини сифати молӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагон.

Пешниҳоди маълумот вобаста ба мақсад бояд ба марҳилаҳо ҷудо карда шавад:

- муқаддимавӣ
- омӯзишӣ
- ниҳоӣ

**Маълумоти муқаддимавӣ** муаррифии стандартҳои КИА СММ (UNECE), шартҳои қабули стандартхои мазкур, хусусиятҳои хоси онҳо ва як қатор хусусиятҳои татбиқи онхоро дар бар мегирад. Иштирокчиёни ҷаласаҳои иттилоотӣ бояд фарқияти талаботҳои бехатарии озуқаро аз сифати молӣ дарк намоянд. Вобаста аз сатҳи омодагии иштирокчиёни ҷаласаҳо маълумоти муқаддимавӣ маълумоти мухтасарро оиди тамоили муосири фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар бар гирифта метавонад.

Қисми муқаддимавии барномаи ҷаласаи иттилоотӣ муаррифии маълумотро дар шакли «power point presentation» дар бар мегирад. Ҳангоми омодакунии маълумоти муқаддимавӣ маълумот бояд бештар бо расмҳои гуногун ва видеоэффектҳо истифода шавад, ки ба ҳавасмандии истеҳсолкунандагон, ҷалбшавии онҳо ба мавзӯъ ва нигоҳ доштани таваҷҷуҳи онҳо имконият медиҳад. Маълумот барои омодакунии баромадҳои муқаддимавӣ дар боло зикр шудааст. Барои тафсири моҳияти стандартҳои КИА СММ ва муаррифии мундариҷа ва хусусиятҳои он, истифодаи баромади стандартӣ пешниҳод мешавад, ки ба он вобаста ба кишвар ва иштирокчиёни ҷаласа ва хусусияти содироти кишвар иловаҳо ворид кардан мумкин аст. (http://ca-wg.net/wp-content/uploads/2022/01/UNECE_1.pptx). Иштирокчиёни ҷаласаҳо бояд нақши худро дар кори КИА СММ (UNECE) дарк намоянд.

Дар қисми муқаддимавии ҷаласа то оғози муаррифии маълумот мақсад ва вазифаҳои ҷаласа муаррифӣ карда мешавад, бо иштирокчиён шиносоӣ анҷом дода мешавад. Ҷиҳати ба роҳ мондани робита бо иштирокчиён бо назардошти маҳдудияти вақт, тавсия дода мешавад, ки ба таври мухтасар худро муаррифӣ намоянд (ному насаб, номгӯи хоҷагӣ, чӣ парвариш мекунанд).

Муддати қисмати муқаддимавӣ - 40 дақиқа (15 дақ. муаррифинома ва 10 дақ. Барои саволу ҷавоб)

**Тренинг** қисмати асосии ҷаласаҳои иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он аввал маълумот оиди намуд ва сохтори стандартҳои КИА СММ (UNECE) ироа мешавад. Иштирокчиён бояд категорияи стандартҳоро барои сабзавоту меваи тару тоза ва хушккардашуда фарқ кунанд. Маводи баромад тафсири тамоми ибораҳоест, ки дар стандарт истифода мешавад.

Қисмати ҳатмии аввали тренинг кори амалии мустақилона оиди интихоби намуна аз рӯи дараҷа/навъ, калибр, нуқсон, якрангӣ, ҳадди тағъирот ва тамғазанӣ вобаста аз маҳсулоти мақсаднок ва манфиати истеҳсолкунандагон мебошад. (*намунаҳои маҳсулоте, ки нуқсон доранд, бояд пешакӣ пешниҳод карда шаванд*).

Кори амалӣ намоиши расмҳоро бо нуқсонҳо дар шакли «power point presentation» ё флипчартҳои намоишӣ дар бар мегирад (*ниг. мисолҳои флипчартҳо дар зер*). Баъдан иштирокчиён ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, ки ба онҳо намунаҳои қаблан омодашуда бо нуқсонҳо ва плакатҳои холӣ бо номгӯи нуқсонҳо дода мешавад (*ниг. мисолҳои плакатҳо дар зер*). Иштирокчиён мувофиқи вақти ҷудошуда  нуқсонҳоро аз рӯи номгӯй ҷудо мекунанд. Аз рӯи натиҷаи кори мустақилона, тренер бояд бо иштирокчиён натиҷаҳоро баррасӣ намуда, барои мустаҳкам намудани донишҳои гирифта муҳокима намояд.

*Расмҳои намунаҳо/мисолҳои флипчартҳои омӯзишӣ*





*Фотографии пустых плакатов*







Дар қисми дуюми  тренинг иштирокчиён бо роҳҳои татбиқи стандартҳо дар корхона/хоҷагии деҳқонӣ шиносоӣ пайдо мекунанд.

**Қисми ниҳоии** ҷаласаи иттилоотӣ буда иборат аз табодули фикру мулоҳиза, ҷавобу саволҳо ва ба назар гирифтани хоҳиш ва фикру мулоҳизаҳо мебошад.

Ба тренер дар омодагӣ ба ҷаласаи иттилоотӣ, истифодаи чек лист, ки дорои лавозимоти зарурӣ барои ташкили ҷаласаҳо мебошад, тавсия дода мешавад. Чек листро дар ҳама гуна шакл - дар блокнот, смартфон ё тахтаи сафед тартиб додан мумкин аст (ниг. Замима).

Ҷаласаи иттилоотӣ бояд дар шакли муколама (интерактивӣ) гузаронида шавад. Барои пешниҳоди маълумот дар шароити саҳроӣ бояд флипчартҳо, плакатҳо ва намунаҳои қаблан омодашудаи маҳсулот бо мавҷудияти нуқсонҳо истифода шавад. Барои бақайдгирии иштирокчиён шакли– Замимаи 1 бояд истифода шавад.

# 5. Замимаҳо

## Барномаи ҷаласаи иттилоотӣ

| Вақт | Ҷаласа |
|---|---|
| 20 дақиқа | Бақайдгирии иштирокчиён, шиносоӣ бо вазифаҳои ҷаласаи иттилоотӣ |
| 20 дақиқа | Талаботи муосир ба маҳсулоти кишоварзӣ. Фарқияти талаботи бехатарии озуқа аз сифати молӣ |
| 10 дақиқа | Стандартҳои КИА СММ, намуд ва сохтори стандарт |
| 50 дақиқа | Талаботҳои минималӣ ва ҳадди мумкини тағйирот (допуск) барои сифати маҳсулот |
| 20 дақиқа | Таснифот ва калибровкаи маҳсулот |
| 10 дақиқа | Бастубанд ва тамғазанӣ |
| 50 дақиқа | Гурӯҳи корӣ |
| 10 дақиқа | Ба итмом расидани ҷаласаи иттилоотӣ. Саволу ҷавоб |

**Шакли бақайдгирӣ**

# РӮЙХАТИ ИШТИРОКЧИЁН

## Ҷаласаи иттилоотӣ оиди сифати маҳсулоти кишоварзӣ

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Кишвар:** | | **Макони баргузорӣ:** | |
| **Сана:** | | **Миқдори иштирокчиён** | |

| № | Ному насаб | Номгӯи хоҷагӣ/корхона | Телефон | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| 4. | | | | |
| 5. | | | | |
| 6. | | | | |
| 7. | | | | |

**Ному насаби тренер** **имзо**

## Чек лист

| № | Элемент | Микдор | Мақом |
|---|---|---|---|
| 1. | Флипчарт | 1 ад. | ☐ |
| 2. | Ватман | 5 ад. | ☐ |
| 3. | Флаер (варақа) доир ба фарқиятҳо | 20 ад. | ☐ |
| 4. | Плакатҳо барои нуқсонҳо А4 | 20 ад. | ☐ |
| 5. | Маркерҳо | 3 ад. | ☐ |
| 6. | Плакатҳои холӣ А0 | 3 ад. | ☐ |
| 7. | Намунаҳои маҳсулот бо мавҷудияти нуқсонҳо | 5 кг | ☐ |
| 8. | Тахтаи сафед | 1 ад. | ☐ |
| 9. | Чопи слайдҳои флипчарт | 20 ад. | ☐ |
| 10. | Худкор (ручка) | 20 ад. | ☐ |
| 11. | Фотоаппарат | 1 ад. | ☐ |